**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
**Ректори Донишгоҳи давлатии**
**Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев**
**доктори илмҳои сиёсатшиносӣ, дотсент**
**_____________ Комилбек Амид Ёрбек**
**“ 26 ” августи соли 2023**

## ТАҚРИЗИ

муассисаи пешбар – Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев ба диссертатсияи Ҳақназаров Толибҷон Меҳриддинович дар мавзуи “Ислоҳнамоии нуқсонҳои нутқии кӯдакони синни томактабӣ тавассути технология ва барномаҳои компютерӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.03 - Педагогикаи коррексионӣ (сурдопедагогика ва тифлопедагогика, олигофренопедагогика ва логопедия) пешниҳод шудааст.

**Муҳимии мавзуи таҳқиқот.** Рисолаи илмии Ҳақназаров Т.М. ба ҳаллу фасли проблемаи таъмину танзими омодагии насли наврас, аз ҷумла кӯдакону наврасони имкониятҳои маҳдуддошта ба зиндагӣ дар ҷомеаи иттилоотӣ, яъне ба вуҷуд овардани қобилияти инсон барои қаноатманд намудани талаботи чунин ҷомеа бахшида шудааст. Дараҷаи коркарду истифодаи захираи муосир, аз ҷумла барнома ва технологияҳои таълими компютерӣ (БТТК), ки воридсозии комилан мувофиқи он ба ҷараёни таълим метавонад дараҷаи ташаккули маҳорату малакаи касбии хатмкунандагони ихтисоси логопеди мактабҳои олӣ ҳангоми кор бо кӯдакони нуқсони нутқидоштаи синни томактабиро таъмин намояд, ба таври бояду шояд омӯхта нашудааст, ки бо ин мубрамияти татқиқоти муҳаққиқи ҷавонро муайян намудааст.

Ба андешаи муаллифи рисолаи мазкур проблемаҳои дастгирии иттилоотӣ-компютерӣ ё тағйиротҳои таҷрибавӣ, таҳлилу ташкили масъалаҳои копютеркунонӣ мунтазам дар маркази диққати ҳукумати кишвар ҷой дошта, дар баробари дигар самтҳо, вазифаи меҳварии таҳсилоти фарогир, бахусус дар муассисаҳои томактабии махсус маҳсуб меёбад, ки он бо асосҳои таърихӣ дохил гардидан ба асри XXI дар шароити тағйирёбии куллӣ дар ҳаёти иҷтимоию фарҳангии ҷомеа, яъне тамоили умумии истифодаи самараноки БТТК муқаррар мегардад. Дар ин замина, таҳсилот ҳамчун самти афзалиятнок, бо фарҳанги ҷомеа алоқаманд буда, зарур аст ҳалли масъалаи компютеркунонии муассисаҳои таълимӣ, бахусус барои кӯдакони имконияти маҳдуддошта, босуръат гардонида, омӯзиши таълимгирандагон дар ин самт тақвият дода шавад. Дар ин замина, дар донишҷӯён, аз ҷумла мутахассисони ояндаи риштаи дефектология ба вуҷуд овардану ташаккул додани мафҳумҳои ҷаҳонбинии илмӣ бидуни донистану истифода бурдани БТТК, асосҳои илм ва малакаҳои ҳаётӣ ва саҳм гузоштан дар рушду инкишофи ҷомеаи кишвар ғайриимкон аст.

Ҳадафи таҳқиқотро таҳияву коркард ва ворид намудани барномаи компютерии ислоҳи нуқсони нутқии кӯдакони синни томактабӣ ба раванди таълими касбии донишҷӯ-логопед ташкил медиҳад.

Дар рисолаи тақризшаванда ноил шудан ба ҳадаф ва санҷишу тасдиқи фарзия аз нигоҳи ҳалли масъалаву вазифаҳои зерин таҳқиқи худро ёфтааст:

- татбиқи амалии таҷрибаи донишҷӯ-логопед ба сифати мутахассиси ояндаи дорои касбияти баланд дар ташхиси сабаб ва омилҳои пайдоиши нуқсонҳои нутқӣ дар кӯдакони синни томактабӣ, аз ҷумла алалия бо истифодаи БТТК;

- роҳандозии фаъолияти пурмаҳсули инфиродии донишҷӯ-логопед дар машғулиятҳои гуруҳӣ бо пешниҳоди кӯмаки мазмунноки марҳилавӣ

дар ҳар як давраи иҷрои машқҳои касбӣ, маълумотҳои оморӣ бо натиҷаҳои таҳлилии фаъолияти ҳар як донишҷӯ;

- ҷорисозии таҷрибаи амалии ташхиси сохтори фонетикии нутқи кӯдакони синни томактабӣ.

Навоварии илмӣ ва аҳамияти назариявии таҳқиқот дар нуктаҳои зерин ифода ёфт: Бори аввал раванди ташаккули заминавии қисмати асосии фаъолияти касбии донишчу-логопед, яъне маҳорати таҳлил ва гурӯҳбандии нуқсонҳои нутқӣ, аз ҷумла алалия дар сохтори нуқсонҳои нутқии гуногуни кӯдакони синни томактабӣ бо истифода аз барнома ва технологияҳои компютерӣ пешниҳод гардид; нақш, мавқеъ ва вазифаҳои барнома ва технологияҳои компютерӣ дар ин раванд асоснок гардидаанд; барномаи намунавии компютерии барои ин раванд зарур коркард гардид (тасвирӣ-намоишӣ, таълимӣ ва ғ.); бо воситаи озмоиш сифатнокии истифодаи барномаи намунавии компютерии коркардшуда дар ҷараёни ташаккули салоҳиятнокии касбии донишҷӯ- логопед, ҳангоми кор бо кудакони нуқсони нутқидоштаи синни томактабӣ исбот гардид.

Аҳамияти назарияви таҳқиқот аз он иборат аст, ки дар диссертатсия дар асоси БТТК маҳорат ва малакаи корҳои ислоҳии донишҷӯ, мутахассиси оянда - логопед ҳангоми кор бо кудакони синни томактабии нуқсони нутқидошта ташаккул дода шуд: мураттибии равиши ҳадафҳо, вазифаҳо ва маҷмӯи принсипҳо, мундариҷаи таълим, шароитҳои педагогӣ, давраҳои пажӯҳиши озмоишӣ ва меъёрҳо дар самти баҳодиҳии маҳорат ва малакаҳои ҳосилшуда гузаронида шуд.

Истифодаи БТТК дар ташаккули раванди таълими донишҷӯ-логопед баррасӣ шуда, истифодаи усулҳои фаъоли таълим бо истифодаи БТТК дар асоси равияи шахсиятӣ-фаъолиятмандӣ коркард карда шуд, то ки давраҳо ва механизмҳои ташаккули қобилият ва малакаҳои номбурда дар мутахассисони ояндаи ихтисоси дефектология, аз ҷумла логопедия мавриди амал қарор гирад.

Аҳамияти амалии таҳқиқотро методикаи аз лиҳози бунѐдӣ-назариявӣ асосноккардашуда ва аз лиҳози озмоишӣ санчидашудаи ба роҳ мондани корҳои ислоҳи бо кӯдакони нуқсони нутқидоштаи синни томактабӣ бо истифода аз БТТК дар ихтисосҳои дефектологии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ, ки ба ҳалли масъалаи баланд бардоштани самарабахшии ташкили раванди корҳои ислоҳӣ нигаронида шудааст, ташкил медиҳад.

Барномаи коркардшудаи муаллиф вобаста ба пажӯҳиши таҷрибавӣ-озмоишӣ барои осону шавқовар намудани раванди корҳои ислоҳӣ бо кудакони нуқсони нутқидоштаи синни тоамктабӣ бо истифода аз БТТК дар самти таълими логопедияи донишгоҳҳои омӯзгорӣ ба амалӣ сохтани донишҳои махсуси логопедӣ, маҳорат ва малакаҳои донишҷуѐни факултетҳои ихтисосҳои дефектологӣ ва салоҳиятмандии касбии онҳо мусоидат мекунад; натиҷаҳои пажӯҳиш ҳамчунин дар барномаи таҳияшудаи муаллиф (Барномаи таълимӣ-ислоҳии “Заргӯши доно”) минбаъд ба барнома, силлабус ва мундариҷаи машғулиятҳои курси “Логопедия” ворид хоҳад гардид.

Натиҷа, хулоса ва тавсияҳои кори диссертатсиониро донишҷӯ-дефектолог, аз ҷумла логопед ва омузгорони дар самти дефектология таълимдиҳандаи муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбии самти омузгорӣ метавонанд васеъ истифода баранд.

Муҳтавои таҳқиқоти диссертатсионӣ бо соҳаҳои шиносномаи ихтисоси 13.00.03 - Педагогикаи коррексионӣ (сурдопедагогика ва тифлопедагогика, олигофренопедагогика ва логопедия) мувофиқат мекунад:

Рисолаи илмии мазкур аз ду боб, панҷ зербоб, хулоса ва рӯйихати адабиёт иборат буда, дар он 25 расм, 3 ҷадвал ва 1 диаграмма истифода шуда, ҳаҷми кор 188 саҳифаро ташкил медиҳад.

Дар муқаддима перомуни мақсаду вазифаҳои кор ва методҳои тадқиқотӣ сухан рафта, унвонҷӯ дастгоҳи илмии таҳқиқоти худро ба таври возеҳу равшан баррасӣ намудааст.

Бо воситаи боби аввали рисола «Заминаҳои назариявӣ-педагогии таълим ва тарбияи кӯдакони нуқсони нутқидоштаи синни томактабӣ асосҳои назариявӣ-педагогии истифодаи технологияҳои компютерӣ-иттилоотӣ дар таълими кӯдакони нуқсони нутқидошта, таснифоти психологӣ - педагогии кӯдакони нуқсони нутқидошта, нуқсони нутқии алалия дар кӯдакон ҳамчун объекти педагогӣ- психологӣ баррасӣ шудаанд.

Муаллиф қайд мекунад, ки дар адабиёти илмӣ вайроншавии нутқ - ҳамчун қафомонӣ аз меъёри нутқӣ фаҳмида шуда, пурра ва ё қисман монеаҳоро дар муошрати нутқӣ ба миён меорад ва имконияти мутобиқшавии иҷтимоии кӯдакро маҳдуд мегардонад. Вайроншавии нутқ ҷавобгӯи меъёрҳои синнусолӣ набуда, ба қафомонии психофизиологии сохтори нутқ алоқаманд аст, яъне он мустақилона бартараф карда намешавад ва метавонад ба инкишофи психикӣ таъсир расонад. Мутахассисони соҳаи логопедия, психология, педагогика, нейропсихология, психолингвистика проблемаҳои вайроншавии нутқро омӯхта, сабабҳои вайроншавии органикӣ, функсионалӣ ва аломатҳои тавсифдиҳандаи онро муайян кардаанд.

Боби дуюми диссертатсия "Шароитҳои озмоиши истифодаи технологияҳои компютерӣ дар корҳои ислоҳӣ-логопедӣ бо кӯдакони нуқсони нутқидоштаи синни томактабӣ" номгузорӣ гардида, дар он оид ба мақсад ва вазифаҳои истифодаи технологияи иттилоотӣ-компютерӣ дар раванди корҳои ислоҳӣ-педагогӣ, барномаҳои компютерӣ ва тарзи истифодабарии онҳо дар таълими кӯдакони нуқсони нутқидоштаи синни томактабӣ дар мисоли алалия, машқҳои махсус барои талаффуз ва нутқи ғайришифоҳӣ, натиҷаи кори озмоишӣ инъикос гардидааст.

Тавре муҳаққиқ дар асоси таҳлили адабиёти методӣ иброз медорад, бештари кӯдакони гирифтори алалия ёрии авалинро аз логопедҳо ва дар диспансерҳо ва дармонгоҳҳо мегиранд. Дар дарсҳои логопедӣ нуқсони нутқӣ бартараф мешаванд, бештар ба муоширати онҳо диққат дода мешавад. Кор бо кудакон асосан аз синни 3-4 - солагӣ оғоз меёбад, зеро дар ин давра онҳо кӯшиш мекунанд бештар донанд ва ҳисси идроки қавӣ доранд. Дар ин ҳолат як чанд намуд корҳои комплексӣ оид ба рушди нутқ ва шахсияти кӯдакон анҷом дода мешавад. Ҳангоми ин амалҳо ба ҷиҳати инкишофи табиӣ ва сохти системаи асаб аҳамияти аввалиндараҷа дода мешавад.

Дар асоси омузиши адабиёти мавҷуда вобаста ба мазмуни рисолаи мазкур ва методикаҳову истифодабарии онҳо дар таълими кӯдакони синни томактабии нуқсони нутқидошта дар мисоли алалия", коркард ва тарзи истифодаи барномаи логопедии компютерии "Заргӯши доно", "Қасри офтобӣ" таҳия ва натиҷаи он дар ҷадвал, расм, диаграмма дарҷ гардидааст. Барнома кори самараноки бартараф кардани нуқсонҳои нутқро ҳангоми дизартрия, дислалия, ринолалия, лакнатзабонӣ, инчунин ҳангоми нуқсонҳои дуюмдараҷаи нутқ имконпазир мегардонад.

Чунончӣ, муаллифи рисолаи илмии мазкур махсус таъкид доштааст, азбаски оид ба мавзуи таҳқиқоти зерин дар Тоҷикистон қариб, ки коре анҷом дода нашудааст, технологияи «Заргӯши доно» дар асоси методикаҳои таълими кӯдакони дар инкишоф тамолюдоштаи Г. А. Каше, Л. В. Лопатина, Н. В. Серебрякова, Р. И. Лалаева, Н. С. Жукова, Е. М. Мастюкова, Т. Б. Филичева, инчунин барномаи таълиму тарбия дар кӯдакистон бо таҳрири М. А. Василева таҳия шудааст. Он аз маҷмуи яклухти барномавию методӣ иборат буда, барномаи компютерии «Заргӯши доно» ва воситаи таълимию методиро бо тавсияҳои муфассали методии истифодаи зина ба зинаи он дар ҷараёни ислоҳию таълимӣ дар бар мегирад. Барномаи махсуси логопедии

компютерии “Қасри офтобӣ” силсилаи машқҳоеро дар бар мегирад, ки барои ислоҳи ҷиҳатҳои фонетикию фонематикии нутқ равона шудаанд. Барнома кори самаранок бо кӯдакони нуқсони нутқидоштаи синни томактабӣ имконпазир мегардонад. Барномаи “Қасри офтобӣ” барои кӯдакони нуқсони нутқидоштаи синни томактабӣ (4 - 6-сола) пешбинӣ гардида, ҳангоми кор бо мактаббачагони хурдсол ҳам истифода шуда метавонад.

Бояд қайд кард, ки Ҳақназаров Т.М. аз адабиёти сершумор истифода карда, диссертатсияро бомуваффақият ба забони тоҷикӣ ба анҷом расонидааст.

Диссертант доир ба ҳар як масъалаи дар рисола баррасишаванда ба фикру хулосаҳои олимон такя карда истода, мулоҳизаҳои худро низ иброз медорад.

Натиҷаҳои бадастомадаро инҳо таъмин карданд: бо заминаҳои методии таҳқиқот; бо маҷмуиятнокӣ ва мувофиқии методҳои таҳқиқот ба вазифаҳои гузошташуда, инчунин мутобиқатии натиҷаҳои ташхиси миқдориву сифатӣ; бо мутобиқнамоӣ ва истифодаи самарноки БТТК дар раванди таълим ва омодагии касбии донишҷӯ-логопед, ҳангоми кор бо кудакони нуқсони нутқидоштаи синни томактабӣ.

Натиҷаҳои ба дастомада ба ихтисоси диссертатсия ҷавобгӯй мебошанд. Мазмун ва муҳтавои автореферат, мақолаҳои илмии дар нашрияҳо чопшуда ба мавзӯи таҳқиқоти илмӣ, иҷрои мақсаду вазифаҳои дар пеш истодаи муаллиф мувофиқат мекунанд.

**Эродҳо дар маҷмуъ оид ба рисолаи таҳқиқотӣ.** Дар диссертатсияи тақризшаванда дар баробари муваффақиятҳои зиёд баъзе камбудию норасоиҳо низ роҳ ёфтаанд, ки зикри чанде аз онҳо барои такмили минбаъдаи кор хеле муфиданд:

1. Муаллифи рисола оид ба технология ва барномаҳои компютерӣ маълумоти зиёде ҷамъ оварда, механизми татбиқи онҳоро нишон

додааст, аммо вазъи омодагии техникии муассисаҳои таълимии томактабиро баррасӣ накардааст.

2. Дар рисола бештар иқтибосҳо аз таҳқиқоти олимони хориҷи кишвар оварда шудааст, хуб мебуд ба таҳқиқоти олимони ватанӣ бештар таваҷҷуҳ мегардид.

3. Сарфи назар аз мутобиқати умумии возеҳи забони рисола, меъёрҳои услубӣ ва қоидаҳои меъёрии пунктуатсия ва имло, хатогиҳои услубӣ ва нуқсонҳои техникӣ дар рисола ва автореферат мавҷуданд.

Дар маҷмуъ, норасоиҳои номбаршуда ба ҳеҷ ваҷҳ аҳамияти таҳқиқи анҷомдодашударо халалдор намесозанд, зеро аксари онҳо вижагии фаннӣ дошта, ислоҳпазиранд ва ба мазмуну муҳтавои диссертатсия ва дастовардҳои илмии муҳаққиқ таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

Дар ин замина, диссертатсияи мазкур таҳқиқи илмии баанҷомрасида буда, ҳам аз нигоҳи назариявӣ ва ҳам аз ҷиҳати амалӣ ҳам ба соҳаи таҳсилоти фарогир, махсусан дар соҳаи омодасозии мутахассис-логопед, ки як ҷузъи ҷудонопазири соҳаи маориф маҳсуб меёбад, кори таҳқиқии нав буда, дастовардҳои илмии ӯ барои корҳои илмии дигар, таълифи осору маколот ва таҳияи навгониҳоисоҳавӣ, барои тахияи асарҳои монографӣ, таълифи китобҳо ва дастурҳои таълимӣ доир ба усулҳои истифодаи технологияву барномаҳои компютерӣ дар таълиму тарбияи кудакони нуқсони нутқидошта, хондани курсу семинарҳои махсус роҳнамое хубе буда метавонад.

Мутобиқати мукаммалии таълифот, истифодаи натиҷаҳои бадастомада дар 11 мақола инъикос ёфта, аз ҷумла 4 мақола, ки ба мавзуи рисолаи илмӣ рабт дорад, дар нашрияҳои тақризии тавсияшудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд. Натиҷаҳои асосии ба дастомадаи таҳқиқот дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, мизҳои мудаввар, семинару

тренингҳо васеъ баррасӣ шудаанд. Мақолаҳо мазмуну муҳтавои рисоларо пурра инъикос мекунанд.

Автореферат мазмуни асосии диссертатсияро дар бар мегирад ва ба талаботи мавҷуда ҷавобгӯ мебошад.

Дар маҷмуъ, кори таҳқиқотии анҷомдодашуда ба унвонҷӯ имкон додааст, ки оид ба ислоҳнамоии нуқсонҳои нутқии кӯдакони синни томактабӣ тавассути технология ва барномаҳои компютерӣ дар ихтисосҳои дефектологии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ" (самти «Педагогикаи коррексионӣ») ба дастовардҳои нави илмӣ ноил гардад.

Хулоса, вобаста ба мубрамият, навгонии илмӣ, меъёри таҳқикоти иҷрогардида ва аҳамияти илмию амалии натиҷаҳои бадастомада диссертатсияи номзадӣ дар мавзӯи «Ислоҳнамоии нуқсонҳои нутқии кӯдакони синни томактабӣ тавассути технология ва барномаҳои компютерӣ» (сурдопедагогика ва тифлопедагогика, олигофренопедагогика ва логопедия) ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба талаботҳои пешниҳоднамудаи бандҳои 31 ва 33-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ", ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 – уми июни соли 2021 тасдиқшуда ҷавобгӯ пурра ҷавобгӯй буда, муаллифи он Ҳақназаров Толибҷон Меҳриддинович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.03 - Педагогикаи коррексионӣ (сурдопедагогика ва тифлопедагогика, олигофренопедагогика ва логопедия) сазовор мебошад.

Тақриз дар кафедраи педагогика, равоншиносӣ, методикаи таълими фанҳои Донишгоҳ, дар таърихи 25.08.2023 таҳти суратҷаласаи №1 аз тарафи доктори илмҳои педагогӣ Булбулов Ҷ. ва номзади илмҳои педагогӣ Хоников Ш. тартиб дода шуд.

Тақризи муассисаи пешбар дар ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявии кафедраи педагогика, равоншиносӣ, методикаи таълими

фанҳои Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев, ки дар он довталаби дараҷаи илмӣ ба диссертатсияи Ҳақназаров Толибҷон Меҳриддинович иштирок ва бо маъруза баромад намуд, баррасӣ ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявии кафедраи педагогика, равоншиносӣ, методикаи таълими фанҳои Донишгоҳи давлатии Хоруг ба номи Моёншо Назаршоев 23 нафар устодону омӯгорони донишгоҳ иштирок намуданд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор" - 23 нафар, "бетараф" - нест, "муқобил" - нест (қарори ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявии кафедраи педагогика, равоншиносӣ, методикаи таълими фанҳои Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев аз 25.08.2023, №1).

Роҳбари семинари
илмӣ-назариявии кафедра
номзади илмҳои педагогӣ, мудири
кафедраи педагогика, равоншиносӣ,
методикаи таълими фанҳо — Қадамов Қ.Х.
Экспертҳо: д.и.п., профессор — Булбулов Ҷ.
н.и.п., дотсент — Хоников Ш.
Котиби семинари илмӣ-назариявӣ: — Нозимов С.

26.08.2023

**Нишонӣ:** 736000, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, шаҳри Хоруғ, кӯчаи Шириншоҳ Шоҳтемур 109.
E-mail: info@khogu.tj

Имзоҳои дотсент Қадамов Қ.Х., профессор Булбулов Ҷ., дотсент Хоников Ш. ва муаллими калон Нозимов С. - ро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои
махсуси ДДХ ба номи М. Назаршоев — Саидраҳмонов Н.С.